# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе 2026. – 39 саҳ.)**

Дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти соҳаи низоми судӣ-ҳуқуқӣ диққати ҷиддӣ матраҳ гардида, бо мақсади ислоҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва сохтории мақомоти корҳои дохилӣ барнома ва стратегияҳои давлатӣ қабул карда шуда, давра ба давра талаботи онҳо амалӣ шудаистодааст. Албатта, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ислоҳотӣ ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти мақомоти мазкурро дарбар гирифтаанд, ки яке аз ҷанбаҳои афзалиятноки онро тақвият бахшидани фаъолияти ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ҳангоми ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дарбар мегирад. Аммо дар доираи барномаҳои ислоҳоти милитсия дар замони муосир дурнамои рушди фаъолияти мақомоти милитсия дар ин самт бо таври бояду шояд таҷассум наёфтааст, ки интихоби мавзуи мазкур аз ҷониби муаллиф, маҳз бо мақсади равшан сохтани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳод намудани хулосаву пешниҳодоти манфиатпазир барои мукаммал сохтани асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҷузъу томи мақомоти милитсия оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода равона мебошад. Дар иртибот ба ин масъала, баррасӣ ва кашфи механизм, шакл ва усулҳои ҳамкории самараноки мақомоти корҳои дохилӣ бо дигар ниҳодҳои салоҳиятдори давлатӣ дар ин самт низ предмети омӯзиши таҳқиқоти мазкур маҳсуб меёбад.

Автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи

амалии натиҷаҳои таҳқиқот, фехристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло дар он зоҳир мегардад, ки масоили мубрам ва ҳалталаб вобаста ба асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар ҷумҳурӣ аввалин маротиба мавриди таҳқиқоти комплексӣ қарор дода шуда, барои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар ташкил ва идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ дар чунин ҳолатҳо нигаронида шудааст. Илова бар ин, бинобар дар масири хатҳои шикасти сейсмикӣ қарор доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон, гармшавии иқлими сайёра, обшавии пиряхо, мавҷудияти партовгоҳҳои калони радиоактивӣ ва риоя нагардидани қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ва дигар хавфу хатарҳои дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, ҳамасола дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиёда аз ҳазор ҳолатҳои фавқулодаро ташкил дода, боиси хисороти калони молӣ ва талафоти инсонӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, мавзуи диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло ба яке аз масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, наҷоти инсонҳо ва моликияти онҳо ҳангоми ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулода нигаронида шудааст.

Зикр намудан бомаврид аст, ки дар шароити таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон бинобар ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар замони рушди босуръати технологияи муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, аз ҷумла пайдо шудани ҳавопаймоҳои разведкавии бесарнишин, зеҳни сунъӣ ва амсоли онҳо ташкил ва идоракунии ҷузъу томи мақомоти корҳои дохилӣ ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ диди нав ва ташкил намудани сохтори идоракунии самаранoктарро тақозо менамояд. Албатта, дар баробари мукаммал сохтани асосҳои ҳуқуқии ҷалб ва истифодабарии қувва ва воситаҳои

мақомоти корҳои дохилӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти милитсия бо дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ин самт низ таҷдиди назар ва мукаммалсозиро талаб менамоянд.

Таҳлили маъхазҳои илмӣ, ҳисоботи оморӣ ва таҷрибаи амалии дирӯзу имрӯзи ҷузъу томи мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ собит месозад, ки дар чунин ҳолатҳо ташкили низоми махсуси идоракунии фаврӣ (ситод) ва гурӯҳбандии қувва ва воситаҳои ҷузъу томи алоҳидаи мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар ниҳодҳои масъули давлатӣ, таҳияи нақшаҳои оперативӣ барои ҳалли вазифаҳои таъхирнопазир ҷиҳати наҷоти одамон, ҳифзи молу мулки онҳо, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, яке аз роҳҳои манфиатпазир ва саривақтӣ эътироф карда мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти илмӣ бо забони тоҷикӣ бо дарназардошти таҳлили ақидаҳои назариявии олимону мутахассисон, муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва муқоисаи онҳо бо қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, таҷрибаи тақвиятёфтаи дигар давлатҳои хориҷӣ ва таҳлили фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ таълиф гардидааст, ки хулосаву пешниҳодоти он барои такмили қонунгузории соҳавӣ ва мукаммал сохтани асосҳои ташкилии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар ниҳодҳои масъули давлатӣ дар ин самт мусоидат хоҳад кард. Бо дарназардошти афкори иброзгардида, таҳқиқоти мазкур воқеан мубрам ва рӯзмарра маҳсуб меёбад.

Нуктаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия ва хулосаҳои коркардшуда, ки аз натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардидаанд, дар ҳалли масоили илмӣ ва амалӣ, ҷиҳати такмил додани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳамкории он бо дигар субъектони Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои

фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ аҳаммияти муҳим дошта, мусбӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки мақсад ва вазифаҳое, ки ба зиммаи муаллиф гузошта шудаанд, дар ҳақиқат ба таври комил иҷро гардидаанд. Автореферат ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, дорои унсурҳои дохилии системавӣ ва методологияи кавии илмӣ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар авотореферат баъзе аз масъалаҳои мубоҳисавӣ низ ҷой доранд.

Аз ҷула, аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки диссертант ҷонибдори муттаҳид сохтани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ», «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ», «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон», «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» дар доираи як қонуни мукаммал мебошад, ки мебояд фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ба танзим дарорад. Чунин ҷуръати муаллиф, албатта, сазовори таҳсин аст, аммо ба андешаи мо ин иқдом асосноккунии қавитарро ҳангоми ҳимояи ошкоро тақозо менамояд. Инчунин, матни автореферат аз бархе хатогиҳои имлогӣ низ орӣ нест. Аммо эродҳои иброзшуда, хусусияти мубоҳисавӣ ва тавсиявӣ дошта, дар маҷмуъ ба мазмуну моҳияти мусбии таҳқиқот таъсиргузор нестанд.

Дар натиҷаи омӯзишу таҳлили мазмуну муҳтавои автореферати мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Нуруллозода Меҳрулло дар замони муосир муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва он ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфтаи дорои ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ эътироф карда мешавад. Рисолаи мазкур натиҷаи кори мустақилонаи

муаллиф маҳсуб ёфта, пешниҳоду хулосаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя манзур шуда ба рушди қонунгузории соҳавӣ ва ташкили фаъолияти амалии мақомоти дахлдори давлатӣ мусоидат хоҳанд кард.

Автореферати диссертатсияи Нуруллозода Меҳрулло ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

**Муқарриз:**
Ходими хурди илмии Институти давлат ва
ҳуқуқи Академияи милии илмҳои Тоҷикистон ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Муродзода А.А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Шоҳмансур, к. Валаматзода 15. Почтаи электронӣ: ardasher_muradov@mail.ru.Тел: +992-900-72-01-10.

Имзои Муродзода А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи
кадрҳои ИДҲ АМИТ Давлатмуродзода Б.Д.
«07» 08 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ, Тел.: 2-21-65-85, факс: 2-21-66-72, Почтаи электронӣ: idh@mail.ru. Интернет сайт: http:// www.idhamit/tj.